**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

# Бонки ҷаҳонӣ Тоҷикистонро бо мақсади баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббӣ дастгирӣ мекунад

**ВАШИНГТОН, 24 октябри соли 2023 –** Имрӯз Бонки ҷаҳонӣ барои лоиҳаи нав таҳти унвони *"Миллати солим"-и* Тоҷикистон маблағгузориро дар ҳаҷми 57 миллиону 250 ҳазор доллари ИМА ба тасвиб расонид. Лоиҳаи мазкур бо роҳи баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои алоҳидаи кишвар ва таҳкими иқтидори кишвар дар самти эътино ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ ба беҳбудшавии саломатии аҳолӣ мусоидат хоҳад намуд. Маблағгузории муштараки лоиҳа аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР) (40 миллион доллари ИМА), Хазинаи глобалии маблағгузорӣ ба манфиати занон, кӯдакон ва наврасон (12,5 миллин доллари ИМА) ва Барномаи таъмини омодагӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ (4,75 миллион доллари ИМА) амалӣ мегардад.

*"Дар давоми се даҳсолаи охири ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ мо таваҷҷуҳи худро ба рушди ба инсон нигаронидашуда идома дода, соли 2023-ро «Соли сармояи инсонӣ» эълон намудем." Дар ин замина, саломатии аҳолӣ яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи некӯаҳволӣ ва рушди ҳар як кишвар маҳсуб меёбад. Ман аз он ифтихор дорам, ки Бонки ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ин сармоягузории муҳимро дар оянда Тоҷикистон татбиқ намояд",* **афзуд Озан Севимли, намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон**.

Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси дар давоми ду даҳсолаи охир бадастомада, Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саломатӣ, аз қабили давомнокии умр, фавти кӯдакон ва афзоиши суст дар баробари болоравии мизони бемориҳои ғайрисироятӣ ақиб мемонад. Таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии босифат ва арзони кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, бахусус барои занон, кӯдакон ва наврасон дар манотиқи аз ҳама осебпазир ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои саломатӣ ва таҳкими сармояи инсонӣ мусоидат мекунад. Ин иқдом ба таври назаррас беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ, таҷҳизот, лавозимот ва малакаҳои кормандони тибро талаб мекунад. Дар бисьёр ҷойҳо аз сабаби ҷавобгӯ набудани муассисаҳои тиббӣ ба стандартхои минималӣ сифати ёрии аввалини тиббӣ паст шуда истодааст. Пандемияи COVID-19 нишон дод, ки Тоҷикистон низ барои таҳкими иқтидори худ дар самти пешгирии муносиб ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ ба сармоягузории назаррас ниёз дорад. Ин иқдом бояд дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ - тавассути омодагӣ ба ҳолати фавқулодда анҷом дода шавад.

Лоиҳаи *«Миллати солим»*Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистонро дар гузаронидани таҷдиди муҳим дар низомии тандурустӣ, аз ҷумла тавассути рақамикунонӣ, таъмини алоқа ва такмили ҷараёни иттилоот дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти маблағгузории соҳаи тандурустӣ, аз он ҷумла татбиқ намудани шаклҳои нави пардохти музди меҳнат ба пизишкон ва ҳамшираҳои шафқат, низ дастгирӣ мекунад.

*"Лоиҳаи «Миллати солим» имкон медиҳад ислоҳоти сохторӣ дар самти маблағгузорӣ ва идоракунии соҳаи тандурустӣ, ки барои фаъолияти самараноки соҳа ва пешрафт дар ҷодаи ноилшавӣ ба фарогирии умумии аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббӣ муҳимманд, гузаронида шаванд. Мо интизор дорем, ки он таъсири дарозмуддат хоҳад дошт, то ки хизматрасониҳои асосии тиббӣ барои ҳама, аз он ҷумла ба қишри аз ҳама осебпазири аҳолӣ дастрас ва арзон бошанд ва Тоҷикистон ба ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ дар оянда беҳтар омода бошад,"* **қайд намуд Миря Сёблом, роҳбари лоиҳаи "Миллати солим" аз Бонки ҷаҳонӣ.**

Лоиҳа ба истифодабарандагони кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои амалишавии Лоиҳа ва тамоми аҳолии кишвар манфиат меорад, ки онҳо аз такмили низоми пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, омодагӣ ва вокуниш дар соҳаи тандурустӣ, баҳра мебаранд. Ба қатори баҳрабарандагон одамони ҳама синну сол, аз ҷумла онҳое, ки дорои бемориҳои ғайрисироятӣ ё дучори хавфи гирифторшавии онҳо мебошанд, кӯдакони хурдсол, занони ҳомила, наврасон, пиронсолон ва қурбониёни зӯроварии гендерӣ дохил мешаванд. Баҳрабарандагони лоиҳа инчунин кормандони тиббӣ ва ғайритиббии муассисаҳои тандурустиро дар бар мегиранд, ки дар доираи лоиҳа аз омӯзиш гузашта, аз беҳтар шудани шароитҳои меҳнат манфиат хоҳанд бурд ва ин эҳтимолан барои нигоҳ доштани кормандони соҳибихтисос мусоидат мекунад.

Айни замон, Бонки ҷаҳонӣ 26 лоиҳаро дар Тоҷикистон ба маблағи умумии 1,6 миллиард доллари ИМА маблағгузорӣ мекунад. Аз соли 1996, Бонки ҷаҳонӣ беш аз 2,9 миллиард доллари ИМА-ро дар шакли грантҳои Ассотсиатсияи байналмилалии рушд, қарзҳои имтиёзнок ва фондҳои мақсаднок барои Тоҷикистон дастрас намудааст. Бонки ҷаҳонӣ қасд дорад минбаъд низ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ намояд, зеро кишвар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки зиндагии мардумро беҳтар намуда, талаботи аҳолии ҷавон ва афзоишёбандаи худро қонеъ созад.

**РАҚАМИ ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ:** 2024/ECA/026

***Маълумот барои тамос:***
*Дар Душанбе:* Дилафрӯз Зоирова + 992 *48 701 5820*, dzoirova@worldbank.org
*Дар Вашингтон:* Сона Панаҷян, +1 (202) 473 9751, spanajyan@worldbank.org

*Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон: www.worldbank.org/tj*

Саҳифаи мо дар Facebook: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan
Хабарҳои навин тавассути Twitter: http://www.twitter.com/ worldbankeca
Наворҳо дар канали YouTube: http://www.youtube.com/worldbank